# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамияти таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ташаккули муносибати масъулиятшиносӣ нисбат ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ мусоидат мекунанд; муайян намудани шаклу усулҳои самарабахши ҳамкории оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни томактабӣ; дар таҳия ва таҳияи тавсияҳои педагогӣ барои мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидон оид ба ташаккули одатҳои солим дар кӯдакони синни томактабӣ; истифодаи модули пешниҳодшуда дар системаи маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад. Мураттабсозии системаи ташаккули саломатии кӯдакон бо истифода аз усул ва технологияҳои тарбиявии аз ҷиҳати нигоҳдошти саломатӣ муҳофизаткунанда дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мураббиён ва падару модар мубрам ҳисобида мешавад.

Арзиши амалии тақиқот дар истифодаи роҳу усулҳои босамар дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, алоқамандии солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак, талаботи тиббию равонӣ ва педагогӣ нисбати кори таълиму тарбия ифода ёфтааст.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 24.05.2022, №6).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ усулҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ истифода шуда, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои рушди низоми таҳсилоти ватанӣ ба миён гузошта шудааст. Инчунин, алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим аз як тараф ва усулҳои таълим аз тарафи дигар муайян карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо равиши методологӣ ба ҳалли масъала, таҳлил ва истифодаи дастовардҳои илми психологию педагогии муосир, маҷмуи усулҳои тадқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқанд, таъмин карда мешавад. Инчунин, мавҷудияти маълумотеро, ки аз тағйироти мусбӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ дар раванди ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оилаҳо шаҳодат медиҳанд, иборат мебошад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи

муаллиф мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи номзадии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- МДТ «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода».**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**- Қурбонова Зарина Ширинбековна** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълим, факултети филологияи Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Иззатова М.И.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Негматов С.Э.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Котибова Ш.П.

18.10.2024

Имзои Иззатова М.И., Негматов С.Э., Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ АТТ — Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО